# Тафсироти КТҲМБ 20
# *“Хароҷот барои корҳои қабаткушоӣ дар марҳилаи баистифодадиҳии конҳои ба таври кушод коркардшаванда”*

## Истинодҳо

- *Асосҳои консептуалии ҳисоботи молиявӣ,*[1]
- СББМ 1 “*Пешниҳоди ҳисоботи молиявӣ”;*
- СББМ 2 “*Захираҳои молию моддӣ”;*
- СББМ 16 “*Воситаҳои асосӣ”;*
- СББМ 38 “*Дороиҳои ғайримоддӣ”.*

## Маълумоти ибтидоӣ

1 Ҳангоми таҳияи конҳои канданиҳои фоиданок бо тарзи кушод корхонаро метавонад зарур ояд, ки ҷинсҳои партов (ҷинсҳои қабаткушоӣ)-ро бартараф кунад, то ин, ки ба захираҳои канданиҳои фоиданок дастрасӣ пайдо кунад. Ин фаъолият вобаста ба бартараф кардани партови ҷинсҳои кӯҳӣ ҳамчун «корҳои қабаткушоӣ» маъмул мебошад.

2 Дар марҳилаи коркарди кон (то оғози истихроҷ) хароҷот барои корҳои қабаткушоӣ одатан дар таркиби арзиши аввалияи истеҳлоки марбут ба кон, корҳои сохтмон, омодасозӣ ва корҳои асосии кӯҳкорӣ сармояфузунӣ карда мешаванд. Пас аз оғози баистифодадиҳии кон хароҷоти сармояфузунишудаи мазкур ба таври муназзам, одатан бо истифода аз усули аз ҳисоб берун намудани арзиш, мутаносибан бо ҳаҷми маҳсулот истеҳлок карда мешавад.

3 Корхонаи соҳаи кӯҳкорӣ метавонад фаъолиятро вобаста ба бартараф намудани ҷинсҳои қабати боло идома дода, дар марҳилаи баистифодадиҳии кон барои корҳои қабаткушоӣ хароҷот масраф кунад.

4 Ҷинсҳое, ки ҳангоми баргузории корҳои қабаткушоӣ дар марҳилаи истихроҷи маъдан бартараф карда шудаанд, ҳатман танҳо ҷинси дажғолро ташкил намедиҳанд; аксар вақт он омехтаи маъдан ва ҷинсҳои партовӣ мебошад. Таносуби маъдан бо ҷинси партовӣ метавонад то ҳадди паст тағйир ёбад, ки истихроҷи маъдан аз ҷиҳати иқтисодӣ ғайриимақсаднок мебошад ва то он ҳадди баланд тағйир ёбад, ки истихроҷ фоидаовар хоҳад буд. Бартараф намудани ҷинсҳои дорои таносуби пасти маъдан ба ҷинсҳои партовӣ метавонад миқдори ками маводи фоиданокро диҳад, ки онҳоро барои истеҳсоли захираҳои молю моддӣ истифода бурдан мумкин мебошад. Ҳангоми хориҷ намудани ин ҷинсҳо инчунин метавонадба қабатҳои амиқтари санг дастрасӣ пайдо кард, ки дар он таносуби маъдан аз ҷинсҳои партовӣ баландтар мебошад. Ҳамин тариқ, корхона метавонад аз амалиёти корҳои қабаткушоӣ фоидаи дугона ба даст орад: истихроҷи маъдани барои истифода муфид, ки метавонад барои истеҳсоли захираҳои молию моддӣ истифода шавад ва дастрасии беҳтар ба ҳаҷми иловагии канданиҳои фоиданок, ки эҳтимолан дар давраҳои оянда истихроҷ шаванд.

5 Тафсироти зерин инро баррасӣ менамояд, ки кай ва чӣ гуна бояд ду фоидаи зикршуда аз амалиёти корҳои қабатушоӣ ба таври алоҳида ба эътибор гирифта шаванд, инчунин чӣ гуна бояд арзёбии аввалия ва мибаъдаи манфиатҳои мазкурро анҷом дод.

## Доираи татбиқ

6 Тафироти мазкур дар робита ба хароҷот барои бартараф намудани ҷинсҳои партов татбиқ карда мешавад, ки ҳангоми таҳияи кушод дар марҳилаи ба истифодадиҳии конҳои канданиҳои фоиданок («хароҷот барои корҳои қабаткушоӣ дар марҳилаи истихроҷ») ба амал меояд.

## Мавзуъ

7 Тафсироти мазкур мавзуъҳои зеринро баррасӣ менамояд:

[1] Истинод ба *"Асосҳои консептуалии ҳисоботи молиявӣ",* ки соли 2010 нашр гардидааст ва то лаҳзаи таҳияи Тафсироти мазкур амал менамуд, ишора менамояд.

(а) эътирофи хароҷоти корҳои қабаткушоии давраи баистифодадиҳӣ ҳамчун дороӣ;

(б) арзёбии аввалияи дороии марбут ба корҳои қабаткушоӣ; ва

(в) арзёбии минбаъдаи дороие, ки бо корҳои қабаткушоӣ алоқаманд мебошад.

## Тавофуқ (Консенсус)

### Эътирофи хароҷоти корҳои қабаткушоии давраи баистифодадиҳӣ ҳамчун дороӣ

8 Агар фоида аз баргузор намудани корҳои қабаткушоӣ дар шакли захираҳои молию моддии истеҳсолшуда амалӣ карда шавад, корхона бояд хароҷотро барои анҷом додани корҳои мазкур мувофиқи принсипҳои СББМ 2 *«Захираҳои молию моддӣ»* ба эътибор гирад. Агар фоида дастрасии беҳтаринро ба ҷинси кӯҳӣ ифода кунад, корхона хароҷоти мазкурро ба сифати дороии ғайригардишӣ бо назардошти риояи меъёрҳои банди 9 дар поён эътироф менамояд. Дар доираи тафсироти мазкур дороии ғайригардишии зерин ҳамчун «дороии марбут ба корҳои қабаткушоӣ» тавсиф карда мешавад.

9 Корхона дороии марбут ба корҳои қабаткушоиро танҳо ва фақат дар сурате эътироф менамояд, ҳангоме, тамоми меъёрҳои зерин риоя карда шаванд:

(а) эҳтимол вуҷуд дорад, ки манфиати минбаъдаи иқтисодии вобаста ба баргузор намудани корҳои қабаткушоӣ (дастрасии беҳтар ба маъдан) ба корхона ворид мешавад;

(б) корхона метавонад ҳамон ҷузъи ҷинси кӯҳиро муқаррар кунад, ки дастрасӣ ба он беҳтар шудааст; ва

(в) хароҷоти марбут ба баргузор намудани корҳои қабаткушоӣ, ки ба ҷузъи мазкур мансуб буда, метавонад ба таври эътимодбахш арзёбӣ карда шавад.

10 Дороии марбут ба корҳои қабаткушоӣ бояд ё ҳамчун афзуншавии дороии мавҷуда ё ҳамчун беҳбудшавии дороии мавҷуда ба эътибор гирифта шавад. Ба ибораи дигар, дороии марбут ба корҳои қабаткушоӣ ҳамчун *қисми* дороии мавҷуда ба эътибор гирифта мешавад.

11 Дороии марбут ба корҳои қабаткушоӣ мувофиқи гурӯҳбандии дороиҳои мавҷуда ҳамчун дороии моддӣ ё ғайримоддӣ гурӯҳбандӣ карда мешавад. Ба ибораи дигар, хусусияти дороии мавҷуда муқаррар менамояд, ки оё корхона дороии марбут ба корҳои қабаткушоиро ҳамчун дороии моддӣ ё ғайримоддӣ гурӯҳбандӣ мекунад ё намекунад.

### Арзёбии аввалияи дороии марбут ба корҳои қабаткушоӣ

12 Корхона бояд дар ибтидо дороии марбут ба корҳои қабаткушоиро аз рӯйи арзиши аввалия арзёбӣ кунад, ки он маҷмуи хароҷоти мустақими ҳангоми анҷом додани корҳои қабаткушоӣ сарфгардидаро ифода менамояд, ки дастрасиро ба ҷузъи мушаххасгардидаи ҷинси кӯҳӣ беҳтар менамояд ва хароҷоти ғайримустақими ба онҳо мансуббударо, ки бевосита барои ин корҳо ҷудо гардидааст, дар бар мегирад. Ҳамзамон бо корҳои қабаткушоӣ дар давраи истифодабарӣ метавонадбаъзе корҳои иловагӣ ба онҳо анҷом дода шавад, ки барои идомаи корҳои қабаткушоӣ тибқи тартиби ба нақша гирифташуда дар давраи истифодабарӣ зарур намебошанд. Хароҷоти марбут ба чунин корҳои иловагӣ набояд ба таркиби арзиши аввалияи дороии марбут ба корҳои қабаткушоӣ дохил карда шавад.

13 Дар чунин маврид, ҳангоме, ки хароҷот аз рӯйи дороии марбут ба корҳои қабаткушоӣ вобаста ба захираҳои молию моддии истихроҷшуда наметавонанд ба таври алоҳида мушаххас карда шаванд, корхона бояд хароҷоти баргузории корҳои қабаткушоиро дар давраи истифодабарӣ дар байни захираҳои молию моддии истихроҷшуда ва дороии марбут ба корҳои қабаткушоӣ, тибқи усуле, ки ба меъёри дахлдори коркард асос ёфтааст, тақсим намояд. Нишондиҳандаи зерини коркард бояд дар робита бо ҷузъи мушаххасгардидаи ҷинси кӯҳӣ ҳисоб карда шавад ва бояд ҳамчун асос барои муайян намудани дараҷае, ки дар он фаъолият вобаста ба бунёди манфиатҳои оянда ҷой дорад, истифода шавад. Дар зер намунаҳои чунин нишондиҳандаҳо оварда шудаанд:

(а) арзиши захираҳои молию моддии истихроҷшуда дар муқоиса бо арзиши эҳтимолии онҳо;

(б) ҳаҷми ҷинси партови гирифташуда дар муқоиса бо ҳаҷми эҳтимолии ҷинси партов дар ҳисоббаробарӣ бо ҳаҷми маъдани истихроҷшуда; ва

 © Фонди СБҲМ

(в) таркиби канданиҳои фоиданок дар маъдани истихроҷшуда дар муқоиса бо таркиби эҳтимолӣ дар маъдани ҳатман истихроҷшаванда дар ҳисоббаробарӣ бо миқдори маъдани истихроҷшуда.

## Арзёбии минбаъдаи дороии марбут ба корҳои қабаткушоӣ

14 Пас аз эътирофи аввалия дороии марбут ба корҳои қабаткушоӣ бояд ё аз рӯйи арзиши аввалия ё аз рӯйи арзиши азнаварзёбишуда, бо тарҳи истеҳлок ва зарар аз беқурбшавӣ, бо ҳамон тарзи дороии мавҷуда, ки қисмати он маҳсуб меёбад, ба эътибор гирифта шавад.

15 Дороии марбут ба корҳои қабаткушоӣ бояд ба таври муназзам дар муддати муҳлати пешбинишудаи истифодаи муфиди ҷузъи мушаххасгардидаи ҷинси кӯҳӣ, ки дастрасӣ ба он дар натиҷаи баргузор намудани корҳои қабаткушоӣ беҳтар мегардад, истеҳлок карда шавад. Усули аз ҳисоб берун намудани арзиш мутаносибан бо ҳаҷми маҳсулот бояд татбиқ карда шавад, агар усули дигари бештар мувофиқтар набошад.

16 Муҳлати эҳтимолии истифодаи муфиди ҷузъи мушаххасгардидаи ҷинси кӯҳӣ, ки барои ҳисоби истеҳлоки дороии марбут ба корҳои қабаткушоӣ истифода мешавад, аз муҳлати эҳтимолии истифодаи муфид, ки барои ҳисоби истеҳлоки бевоситаи кон ва дороиҳои ба он алоқаманд истифода мешавад, ки муҳлати истифодадиҳии онҳо бо муҳлати баистифодадиҳии кон муайян карда мешавад, фарқ менамояд. Истиснои ин принсип ҳолатҳое мебошанд, ки дар онҳо амалиёти канданиҳои фоиданок дастрасӣ нисбат ба тамоми ҷинсҳои маъдании боқимондаро беҳтар менамояд. Охирин метавонад дар ин вақт ҷой дошта бошад, масалан, дар фурсати наздиктари ба охир расидани муҳлати истифодабарии муфиди кон, ҳангоме, ки ҷузъи мушаххасгардида қисмати охирини ҷинси кӯҳиро ифода менамояд, ки бояд истихроҷ карда шавад.

## Замимаи А
## Санаи эътибор пайдо намудан ва муқаррароти интиқолӣ

*Замимаи мазкур қисми ҷудонопазири Тафсироти мазкур буда, ҳамчун дигар таркиботи ин тафсирот дорои ҳамон гуна қувваи эътибор мебошад.*

A1 Корхона бояд Тафсироти мазкурро нисбат ба даврае, ки аз 1 январи соли 2013 ё пас аз ин сана оғоз мешавад, татбиқ намояд. Татбиқи пеш аз мухлат иҷозат дода мешавад. Агар корхона Тафсироти мазкурро нисбат ба давраи пештар татбиқ кунад, пас бояд чунин далелро ифшо намояд.

A2 Корхона бояд Тафсироти мазкурро дар робита ба хароҷоти марбут ба корҳои қабаткушоии давраи истифодабарӣ татбиқ намояд, ки дар санаи аввали аз ҳама давраи пештари дар ҳисобот пешниҳодшуда ё пас аз ин сана хароҷот шудааст.

A3 Дар санаи аввали аз ҳама давраи пештари дар ҳисобот пешниҳодшуда маблағи дороиҳое, ки қаблан дар натиҷаи баргузории корҳои қабаткушоӣ дар марҳилаи истифодабарӣ эътироф карда шуда буд («дороии марбут бо корҳои қабаткушоии қаблан баргузоршуда»), бояд дар таркиби дороии мавҷуда, ки корҳои қабаткушоӣ ба он марбут мебошанд, аз нав гурӯҳбандӣ карда шавад. Бо шарти дар он сана мавҷуд будани ҷузъи мушаххасгардидаи ҷинси маъданӣ, ки ба он дороии марбут бо корҳои қабаткушоии қаблан баргузоршуда мансуб мебошад ва дар тӯли мухлати эҳтимолии боқимонда истифодаи муфиди ҷузъи мушаххасгардидаи ҷинси маъданӣ, ки ба он дороии мушаххаси марбут бо корҳои қабаткушоии қаблан баргузоршуда алоқаманд мебошад, истеҳлок карда шавад.

A4 Агар ҷузъи мушаххасгардидаи ҷинси маъданӣ, ки ба он дороии марбут ба корҳои қабаткушоии қаблан баргузоршуда дахл дорад, мавҷуд набошад, чунин дороӣ бояд дар таркиби бақияи фоидаи тақсимнашуда дар аввали давраи аз ҳама пештар пешниҳодшуда, эътироф карда шавад.


© Фонди СБҲМ